آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

18 феврали соли 2023
Шанбе
№ 14 (14922)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# НАТИҶАҲОИ САЪЮ ҲАРАКАТҲОИ МУШТАРАК БО ХАЛҚ

**Президент Шавкат Мирзиёев бо мақсади шинос шудан бо ҳаёти маҳалла ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, баррасии ба кор даровардани лоиҳаҳои нав ва масъалаҳои асосии рушди ҳудудҳо 17 феврал ба вилояти Бухоро омад.**






Сафар аз зиёрати мақбараи Баҳоуддини Нақшбанд оғоз ёфт.

Барои шод гардондани рўҳи гузаштагон аз Қуръон сураҳо қироат карда, аз даргоҳи Худованд ба кишварамон тинҷӣ ва шукуфоӣ хоста, дуо хонда шуд.

– Мо кўшиш менамоем, ки ба тамоми вилоятҳо сафар кунем, ба рушди соҳа такон бахшем, мушкилотро ҳал кунем ва кореро анҷом диҳем, то ки мардум қаноатманд бошанд, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Мо имрўз ба Бухоро омадем, то ки мақсадҳои нав ба нав гузорем, дараҷаи некуаҳволии мардумро баланд бардорем. Бигзор Худованди Мутаъол дар ҳама корҳоямон мададгор бошад.

Дар суҳбат бо раҳбарони дин ба зарурати рушди таълими динӣ ва мубориза бар зидди ҷаҳолат бо ёрии маърифат таъкид шуд.

– Солҳои охир дар соҳаи дин чун дар ҳама соҳаҳо фазои ошкорбаёнӣ ва озодӣ ба вуҷуд омад, мо чандин марказҳои илмӣ ташкил кардем. Аммо аз ин ба мардуми мо чӣ суд? Барои он ки мардуми мо нафъ бинад, ҷомеа бояд аз ин салоҳият огоҳ бошад. Бо такя ба мероси бобоёни бузургамон, аз қабили Бухорӣ, Мотуридӣ, Марғинонӣ, бар зидди ҷаҳолат бояд бо маърифат мубориза бурд. Барои ин бояд таълими диниро ба амалиёт пайваст, марказҳои илмиамонро ба пешвоёни ҷаҳонӣ табдил дод, – гуфт сарвари давлат.

Президент Шавкат Мирзиёев ба маҳаллаи Работиқалмоқи ноҳияи Бухоро ташриф оварда, бо ҳаёти аҳолӣ шинос шуд.

Дар ин ҷо бештар аз 9 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Натиҷаи кори мақсаднок дар сатҳи поёнӣ дар ин маҳалла низ инъикос ёфтааст – соҳибкорӣ фаъолона инкишоф ёфта, ҷойҳои корӣ зиёд мешавад. Аз ҷумла, дар қитъаи замине, ки пеш холӣ буд, корхонаи дўзандагӣ ташкил карда шуд. Дар натиҷа зиёда аз 30 нафар занон дар маҳаллаи худ ба кор даромаданд. Корхона сарфи назар аз ба қарибӣ ба кор сар карданаш, аллакай барои 100 ҳазор маҳсулоти трикотажӣ фармоиш қабул кард.

Сарвари давлат бо фаъолияти ин корхона шинос шуда, бо коргарон суҳбат кард.

– Дигаргуниҳои дар маҳалла ба амал омада, соҳиби кор шудани шуморо дида, шод шудам. Ин натиҷаи хурди ҷидду ҷаҳди якҷояи мо бо халқ аст. Агар ҳокимият ва ташкилотҳо шароит фароҳам оваранд, ҳар як оила дар бораи беҳбудии худ ғамхорӣ карда тавонад, ман худамро ба мақсади худ расида мепиндорам. Он гоҳ оилаи бузурги мо – давлати мо тавоно мегардад, – гуфт Президент.

Дар ин ҷо ҳамчунин намоишгоҳи маҳсулоти ҳунармандону соҳибкорони вилоят аз назар гузаронида шуд. Онҳо нақл намуданд, ки дар истеҳсолот ва устохонаҳои хонагӣ чӣ гуна занонро бо кор таъмин мекунанд.

Сарвари давлат ба масъулин ҷиҳати дастгирӣ намудани талошҳои онҳо супоришот дод.

Дар маҳаллаи Работиқалмоқ зиёда аз 10 нуқтаи савдо ва хидматрасонӣ воқеъ гардида, инчунин Маркази хизматрасонӣ ба соҳибкорон низ мавҷуд аст. Бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳалла аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Барои истироҳати пурмазмуни сокинон чойхона, китобхона, майдончаи варзишӣ ва хиёбонҳо ташкил карда шудаанд.

Сарвари давлатамон бо ин шароит шинос шуда, меҳмони оилаи Бахтиёр Пўлотов шуд.

Дар рафти сафар ба вилояти Бухоро Шавкат Мирзиёев бо роҳбарони кластерҳо мулоқот кард.

Дар вилояти Бухоро 11 кластери пахтаву бофандагӣ фаъолият нишон медиҳад. Дар соли 2022 онҳо дар ҳудуди 99 ҳазор гектар беш аз 358 ҳазор тонна пахта парвариш карданд. 36 лоиҳа ба маблағи 2 триллиону 36 миллиард сўм татбиқ гардида, 3600 ҷойи корӣ созмон дода шуд. Ба маблағи қариб 77 миллион доллар маҳсулот содир карда шуд.

Дар рафти мулоқот тағйир ёфтани конюктураи бозор, масъалаҳои мубраме, ки дар назди кластерҳо қарор доранд, баррасӣ гардиданд.

– Чаро мо сарфи назар аз душвориҳо ба низоми кластерӣ гузаштем? Пештар мардуми мо пахта мерўёнданд, вале нафъи муносиб ба даст намеоварданд. Панҷ сол аст, ки мо кластерҳоро ривоҷ медиҳем, шароит фароҳам меорем, ки онҳоро ба сатҳи имрўза расонем. Акнун онҳо бояд ба мардум ёрӣ расонанд. Бигузор онҳо сарватманд гарданд, вале дар баробари боло рафтани сатҳи зиндагӣ, якҷоя бо мардум, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбарони кластерҳо таъкид карданд, ки натиҷаҳои имрўза ба туфайли ислоҳоти солҳои охир ба даст омадаанд, ҷавобан ба ин онҳо барои коҳиш додани бекорӣ ба зимма масъулият мегиранд.

– Мақсади ниҳоии ҳамаи ислоҳоти мо зиёд гардондани даромади халқ аст. Агар мо камбизоатиро аз байн бардорем ва қобилияти харидории мардумро баланд бардорем, соҳибкорон ҳам пеш мераванд. Панҷ сол қабл Бухоро чи гуна буд ва ҳоло чи гуна аст? Агар он бо ҳамин суръат давом кунад, баъд аз панҷ сол натиҷа боз ҳам беҳтар хоҳад шуд. Зеро мо чунин мардуми олиҷаноб, меҳнатдўст дорем, – гуфт Президент.

Оид ба густариши истифодаи энергияи муқобил, ба кор бурдани технологияҳои сарфакунандаи об, ҷорӣ намудани қарорҳои инноватсионӣ дар фаъолияти кластерҳо дастурҳо дода шуданд.

Сарвари давлат дар ин ҷо маҳсулоти ҳунармандони бухороиро аз назар гузаронд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар ноҳияи Бухоро бо фаъолияти неругоҳи барқии ҳароратӣ, ки аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Aksa Enerji Bukhara» ба истифода дода шудааст, шинос шуд.

Баробари пешрафти иқтисодиёт ва афзудани шумораи корхонаҳо талабот ба захираҳои энергетикӣ меафзояд. Аз ин рў, оид ба зиёд кардани иқтидори истеҳсоли энергия дар ҳамаи минтақаҳо чорабиниҳо андешида мешаванд.

Аз ҷумла, «Aksa Enerji Bukhara» соли гузашта неругоҳи барқии гармиро ба истифода дода буд. Ин неругоҳ аз ҳисоби сармояҳои мустақим дар ҳаҷми 150 миллион доллар сохта шудааст. Таҷҳизот ва дастгоҳҳо аз Туркия оварда шудаанд. Дар ин ҷо 150 нафар кор мекунад.

Иқтидори неругоҳ 270 МВт-ро ташкил медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки соле то 2 миллиарду 200 миллион киловатт-соат қувваи барқ истеҳсол карда шавад, ки 60 фоизи истеъмоли вилоятро таъмин мекунад.

Сарвари давлат аз маркази диспетчерии неругоҳ дидан карда, бо роҳбарон суҳбат кард.

Бо дарназардошти он, ки истеъмоли солонаи неруи барқ дар вилояти Бухоро дар соли 2023 4,3 миллиард киловатт-соат ва норасоии эҳтимолӣ 150 миллион киловатт-соат пешбинӣ шудааст, ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки ҷиҳати рафъи тафовут чора андешанд.

Сарвари давлат оид ба таъмини устувори аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт бо қувваи барқ, баланд бардоштани самарабахшии истифодаи барқ ва кам кардани талафот дар шабакаҳо, ба соҳа ҷалб намудани технологияҳои баланд супоришот дод.

Шавкат Мирзиёев бо фаъолияти корхонаи дўзандагии «Бухоро Азтекс» дар ноҳияи Шофиркон шинос шуд.

Пештар дар ин ноҳия иқтидорҳои истеҳсолӣ набуд. Дар натиҷаи дигаргунсозиҳо дар кишоварзӣ низоми кластерӣ пайдо шуд, саноат ривоҷ ёфт. Ҳоло танҳо аз пахта ришта, матоъ, либоси тайёр, равғани пахта, собун, хўроки чорво ва даҳҳо дигар маҳсулот истеҳсол карда мешавад.

«Бухоро Азтекс» аз ҷумлаи ҳамин гуна корхонаҳои замонавӣ мебошад. Дар ин ҷо силсилаи пурраи парвариш ва коркарди амиқи пахта ба роҳ монда шудааст. Дараҷаи маҳаллигардонӣ ба сад фоиз расид.

Арзиши лоиҳа 8,7 миллион долларро ташкил медиҳад. Таҷҳизот аз Ҷопон, Олмон ва Туркия насб шудааст. Зиёда аз ҳазор нафар бо кор таъмин карда шуд.

Корхона дар як сол 16 миллион дона либоси тайёр истеҳсол мекунад, ки ният доранд 50 фоизи онро ба бозори хориҷӣ интиқол диҳанд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## БА НОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ АЗ ПРЕЗИДЕНТИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ҶО БАЙДЕН МАКТУБ ОМАД

***Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

**Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Барои роҳбарӣ ва пайравии шахсии Шумо дар таҳкими муносибатҳои байни кишварҳоямон, аз ҷумла, ҳамкорӣ дар соҳаи амният изҳори сипос менамоям.

Барои ИМА масъалаҳои рушди муносибатҳо бо Ўзбекистон дар соҳаҳои иқтисодиёт ва энергетика, инчунин дастгирии саъю кўшиши Шумо оид ба навсозӣ ва ислоҳсозии низоми сиёсии кишвар аҳамияти устувор дорад.

Шарикии стратегии ИМА бо Ўзбекистон амиқ мегардад ва боварӣ дорам, ки комёбиҳоямонро дар соли 2023 боз ҳам пеш мебарем.

Мехостам саъю кўшиши Шуморо ба рушди муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя тавассути раванди густариши ҳамкориҳои минтақавӣ байни панҷ кишвари Осиёи Марказӣ таъкид намоям.

Ин кўшишҳо ба шукуфоӣ ва субот дар минтақа ва берун аз он саҳми бузург мегузорад.

Зиёда аз 30 сол аст, ки шарикии мо бо риояи принсипҳои асосии Оинномаи СММ: эҳтироми истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии ҳамаи кишварҳо асос ёфтааст.

Итминон дорам, ки пайравии умумии мо ба ин арзишҳо ба амиқсозии минбаъдаи робитаҳои мо барои пешомади дароз хидмат мекунад.

*Бо эҳтиром,*
**Ҷо БАЙДЕН**

## БУНЁДИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАСТОВАРДҲОИ МУҲИМИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВАНД

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода сафарро ба водии Фарғона дар вилоятҳои Андиҷон ва Наманган идома дод. Ўро муовини аввали ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои молӣ, иқтисодиёт ва мубориза бо камбизоатӣ – сардори садорати рушди иқтисод ва мубориза бо фақри вилояти Андиҷон Дилшодбек Каримов ба ҳузур пазируфт.

– Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамсоя ва ҳамкорони наздики мост. Ўзбекистон ва Тоҷикистонро таърихи дурудароз ва арзишҳои маънавии муштарак мепайванданд. Ин ду халқ аз як дарё об менўшанд ва риштаҳои дўстии онҳо ба риштаҳои хешутаборӣ табдил ёфтааст. Ўзбекону тоҷикон як миллати дузабона ҳастанд. Анъанаҳои қадимии ҳамсоядорӣ ва эҳтироми тарафайн заминаи устувори муносибатҳои ду кишвар мебошанд, ки ба ҳамкориҳои зиёд мусоидат намудаанд, – гуфт Дилшодбек Каримов. – Имрўз муносибатҳои наздики ду кишвар дар рўҳи дўстӣ, ҳамсоягии нек, эҳтироми ҳамдигар ва эътимод бемайлон инкишоф меёбанд. Бояд гуфт, ки чунин риштаҳои мустаҳкам дирўзу имрўз ба вуҷуд наомадаанд, балки дар давоми ҳазорсолаҳо дар хуни халқи мо ҷой гирифта, дар олами маънавӣ ва ҳаёти фарҳангии онҳо ташаккул ва сайқал ёфтаанд.

– Дар даврони Ўзбекистони Нав робитаҳои ду кишвар боз ҳам беҳбуд ёфтаву ҳаҷми табодули мол аз 600 миллион доллар гузаштааст ва дар ин замина табодули моли байни вилояти Андиҷон ва Тоҷикистон аз чаҳор миллион доллар ба 13-14 миллион доллар афзоиш ёфт. Аммо ин ҳанўз нишондиҳандаи баланд нест, ки ҳарду ҷонибро қаноат дода тавонад, – иброз дошт Дилшодбек Каримов.

Дар ҳамин ҳол дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, воқеъ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Андиҷон, корхонаҳои зиёди саноатӣ арзи вуҷуд намудаанд, ки истеҳсоли маҳсулоташон ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунад. Шумо аз ин минтақаҳо боздид ва бо фаъолияти корхонаҳои саноатии мо аз наздик ошно хоҳед шуд. Дар ин замина мо метавонем ҳамкориҳои густурдаеро бо соҳибкорони тоҷик ба роҳ монем.

– Мо дар вилояти Фарғона будем ва аз корхонаи истеҳсоли кафел ё сафолакҳо боздид намудем. Воқеӣ аст, ки кишвари мо ба ин сафолакҳо ниёзи калон дорад. Мо метавонем, ки дар фурўши маҳсулоти корхонаҳои шумо низ мусоидат намоем, – гуфт дар навбати худ Абдуҷаббор Раҳмонзод. — Роҳбарони ду давлат – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дастур додаанд, ҳаҷми табодули моли миёни ду кишвар ба як миллиард доллари амрикоӣ бирасад. Зимни ташрифи ояндаи Ш.Мирзиёев ба Тоҷикистон ин масъала матраҳ хоҳад шуд.

Вай қайд кард, ки тибқи маълумот дар вилояти Андиҷон ҳафт мактаби олӣ фаъолият мекунад, ки панҷтои он дар тасарруфи давлат аст. Мактабҳои олии Андиҷон метавонанд бо муассисаҳои таълимоти олии вилоятҳои Суғд, Хатлон ва Бадахшони кўҳӣ ҳамкорӣ барқарор намоянд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# БУНЁДИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАСТОВАРДҲОИ МУҲИМИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ҳамкорӣ дар соҳаи гардишгарӣ низ барои ҳарду кишвар манфиати зиёд хоҳад овард. Ба таври мисол, шаҳри Андиҷон метавонад барои сайёҳони тоҷик ҳамчун туризми зироатӣ ва тиббӣ низ хидмат кунад. Ноҳияи Исфара дорои осоишгоҳе мебошад, ки дар даврони гузаштаи наздик аз вилояти Андиҷон низ ба теъдоди зиёд барои истироҳату табобат мерафтанд. Дар ин замина туроператорҳо бо имзои меморандум барои эҳё намудани анъанаҳои собиқаи мардуми ду кишвар хеле мусоидат хоҳанд кард.

Боздид аз Осорхонаи давлатии таърихи вилоят ва тамошои экспонатҳои он баёнгари таърихи дуру наздики ин вилоятро пеши назар ҷилвагар намуданд. Ба дунболи он сафир ба чанд корхонаи саноатии вилояти Андиҷон ташриф овард, ки гуфта мешавад, бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва сармоягузорони дохилӣ дар якуним-ду соли охир бунёд ёфтаанд ва ба истеҳсоли дорувор ва маҳсулоти тиббӣ тахассус дода шудаанд. Тамошои шаҳраки нави Андиҷон, ки барои 450 ҳазор нафар аҳолӣ бунёд мегардад, мавриди таваҷҷуҳи сафир қарор гирифт.

Вилояти Намангон низ А.Раҳмонзодаро ба тарзи хос истиқбол намуд. Он дидору мулоқотҳои ҷолиберо, ки бо ширкати шахсони расмӣ баргузор гардид, хеле пурмуҳтаво арзёбӣ кардан мумкин аст. Дарвоқеъ, саноати бофандагӣ дар ин вилоят хеле рушд кардааст. Абдуҷаббор Раҳмонзода ба чанд корхонаи хурду бузурги саноатӣ, воқеъ дар ноҳияҳои Чортоқ, Косонсой ва Давлатобод ташриф овард, ки ба истеҳсоли маҳсулоти мавриди эҳтиёҷи аҳолии кишвар ва берун аз он машғуланд. Вай гуфт, ки Тоҷикистон ба ин маҳсулот аз дигарон дида ниёзи бештар дорад ва дар ин самт аз ба роҳ мондани ҳамкорӣ мардуми ду кишвар манфиат хоҳад дид.

Дар идомаи сафари корӣ сафир ба мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 8-уми ноҳияи Косонсой ташриф овард. Ин ташриф аз оғоз то анҷом хеле хубу хотирмон гузашт.

– Дар мактаби мо таҳсил ба се забон сурат мегирад: ўзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ. Гузашта аз ин, барои донишомўзони мо тадриси забони англисӣ низ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Аммо машғулияти забони тоҷикӣ ба дўши омўзгороне гузошта шудааст, ки донишгоҳҳои мухталифи Тоҷикистонро хатм кардаанд ва аз таҷрибаи хуби корӣ бархурдоранд, – гуфт директори ин мактаб Каримахон Аббосхонова.

Маълум шуд, ки дар ин мактаб ниёз ба китобҳои бадеии тоҷикӣ хеле зиёд аст. Аз ин рў, тақдими чанд бастаи китобҳои бадеӣ аз ҷониби А. Раҳмонзода ба хазинаи китобхонаи мактаби мазкур боиси хурсандиву хушҳолии омўзгорону донишомўзони он шуд. Дар ин мулоқот як гурўҳ шогирдони мактаб шеърҳои зиёди адибони классику муосири тоҷикро қироат карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилоятҳои АНДИҶОН ва НАМАНГОН.*

# НАТИҶАҲОИ САЪЮ ҲАРАКАТҲОИ МУШТАРАК БО ХАЛҚ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Сарвари давлатамон ба сифати маҳсулоте, ки дар корхона истеҳсол мешавад, баҳо дода, бо коргарон суҳбат кард.

Ҷолиби диққат аст, ки дар болои боми корхона панелҳои офтобӣ насб шудаанд. Президент ба шахсони масъул оид ба зиёд намудани чунин корхонаҳои замонавӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ супориш дод.

Президент Шавкат Мирзиёев оид ба масъалаҳои рушди саноат ва беҳтар гардондани таъминоти қувваи барқ дар вилояти Бухоро ҷамъомад баргузор намуд.

Дар оғози ҷамъомад маросими ба истифода додани шаш корхонаи нав баргузор гардид. Инҳо корхонаҳои «Ғиждувон ипак тола» дар ноҳияи Ғиҷдувон, «Лайхтер Камалак Текстайлен» дар шаҳри Бухоро, «Арҷумандбону чорваси» дар ноҳияи Ҷондор, «Усмон Шер Шамшод» дар ноҳияи Ғиҷдувон, «ВБМ Ромитекс» дар ноҳияи Ромитан ва меҳмонхонаи чорситорадор дар шаҳри Бухоро мебошанд. Дар корхонаҳое, ки дар соҳаҳои кирмакпарварӣ, саноати бофандагӣ, паррандапарварӣ, коркарди меваву сабзавот, инчунин сайёҳӣ фаъолият доранд, 3,5 ҳазор ҷойҳои нави корӣ созмон дода мешаванд. Умуман дар натиҷаи ба кор даровардани ин иқтидорҳо ҳаҷми истеҳсолоти вилоят 850 миллиард сўм меафзояд.

Сарвари давлатамон тугмаи рамзиро пахш карда, корхонаи навро расман ба кор даровард. Тавассути пайванди видеоӣ бо роҳбарони онҳо суҳбат сурат гирифт.

Дар ҷамъомад ба беҳтар гардондани таъминоти қувваи барқи вилоят таваҷҷуҳи махсус дода, зарурияти ба таври илова созмон додан ва баланд бардоштани самарабахшии иқтидорҳои мавҷуда қайд гардид.

Иқлими Бухоро гарм аст. Бо истифода аз ин метавон дар 740 корхона панелҳои офтобии иқтидорашон 22 МВт ва дар иншооти иҷтимоӣ ва биноҳои баландошёна 11 МВт насб кард.

Имконияти ба 50 миллион киловатт-соат кам кардани талафи қувваи барқ дар 45 корхонаҳои бузурги саноатӣ аз ҳисоби навсозии шабакаҳои барқӣ, ивaз намудани таҷҳизоти сермасрафи энергия зикр гардид. Аз ҷумла, аз ҳисоби навсозии таҷҳизоти танзими басомадҳо дар неругоҳи насосии «Аму Бухоро» соли ҷорӣ мумкин аст 60 миллион киловатт-соат энергия ва 100 миллион киловатт-соат дар соли оянда сарфа карда шавад.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки бояд захираҳои навро дар ноҳияҳо ба кор даровaрда, саноатро тараққӣ дод.

Дар тўли панҷ соли охир ба Бухоро 31 триллион сўм сармоя ҷалб гардида, беш аз 3 ҳазор корхона ба кор даровaрда шуд. Истеҳсолот 4,3 баробар зиёд гардид. Дар соли 2022 ин нишондиҳанда 27 триллион сўмро ташкил дод. Содироти саноатӣ ба 200 миллион доллар расид.

Соли ҷорӣ дар вилояти Бухоро ба кор даровардани 703 корхона ба маблағи 880 миллион доллар ва таъсиси 15 ҳазор ҷойҳои корӣ ба нақша гирифта шудааст. Ба ин лоиҳаҳо 220 миллион доллар қарз ва ба инфрасохтори онҳо 100 миллиард сўм ҷудо карда мешавад.

Президент ба ҳар як ҳокими ноҳия супориш дод, ки захираҳои иловагиро ҷўянд, камаш 50 миллион доллар сармояро ҷалб намуда, миқдори лоиҳаҳои навро афзун гардонанд.

Сипас, сарвари давлатамон Мадрасаи олии Мири Араби Бухороро зиёрат кард.

Ин мадраса таърихи 500-сола дорад. Аз он бисёр олимон, имом-хатибон, муфтиён баромадаанд. Аммо дар асри гузашта мақоми он ба дараҷаи муассисаи махсуси таълимӣ поён рафта буд. Дар бино намнокӣ зиёд шуда, китоб намерасид.

Шавкат Мирзиёев соли 2017 ба ин ҷо омада, вазъиятро дида, мақсад гузошт, ки мақоми таърихии мадрасаро барқарор намояд. Барои ин дар шафати қалъаи Арк binoи нав сохта, ба қарибӣ ба истифода дода шуд.

Мадрасаи олӣ барои 200 нафар донишҷў пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо Қуръон, ҳадис, илми фиқ ва тасаввуф, инчунин забонҳои хориҷӣ амиқ омўзонида мешаванд. Имрўз дар мадраса 107 нафар таҳсил мекунанд.

Дар синфхонаҳо, китобхона, толори маҷлис, хобгоҳи донишҷўён ва хонаи хидматӣ, толори варзишӣ ва ҳавзи шиноварӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Сарвари давлатамон бо шогирдони мадраса суҳбат кард.

- Ин гуна муассисаҳои таълимии дорои таърихи бисёрасрина ниҳоят кам аст, - гуфт Шавкат Мирзиёев. - Ба фикрам, беҳбуди шароит дар мадраса ва барқарор намудани адолати таърихӣ кори дуруст буд. Дар натиҷаи ислоҳоти демократии мо ба соҳаи дин озодӣ омад. Дар фазои иттилоотӣ низ ошкорбаёнӣ ҳукмфармост. Дар баробари ин дар интернет тафсирҳои мухталифе ба мушоҳида мерасанд, ки асоси илмӣ надоранд. Аммо онҳоро ҷавононни бетаҷриба аз куҷо медонанд? Шумо барин шахсони донишманд, имом-хатибони мо бояд исбот карда, дуруст фаҳмонда диҳанд.

Доир ба ислоҳ намудани мазмун ва сифати таълими динӣ, таъмини ҳамгироии он бо амалия андешаҳо баён шуданд.

Бо ҳамин сафари Президент ба вилояти Бухоро анҷом ёфт.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбирони ЎзА.**

# АЗМУ ҲАРАКАТ БАҲРИ БЕҲБУДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲА

***Ба туфайли барпо ёфтани неругоҳҳои хурду бузурги энергетикӣ ва истифода аз неруи муқобили энергия, панелҳои офтобӣ эҳтиёҷу мушкили мардум нисбат ба ин манбаъ тадриҷан осон хоҳад шуд.***

Сарвари давлат мушкилоти соҳаро ба риштаи таҳлил кашид. Ба мутасаддиён дастур ва вазифаҳои мушаххас дод, ки таъминоти якмароми аҳолиро бо қувваи барқ барқарор ва низоми ҳисобу китоби истифода аз онро таҷдиди назар намоянд.

Дарвоқеъ, баробари пойтахти кишвар дар вилояти ҳамном ин зимистон дар ҷодаи таъминоти қувваи электр мушкилот ба миён омаданд. Дар ҳудудҳо ҳам вобаста ба тағйирёбии обу ҳаво, шамоли сахт, барфу борони пуршиддат ва ғайра носозӣ ва кандашавии аҳолӣ аз ин манбаъ ба мушоҳида расид.

Аз ҷумла, аввали ҳамин сол ба туфайли шамоли сахт ҳашт ҳудуди қаламрави вилояти Ҷиззах бе энергия монд. Ба туфайли кўшишу ҳаракати устоёни моҳир мушкилот зуд бартараф гардид. Дар якчанд ноҳия, ки аҳолӣ бе қувваи барқ монда буданд, дубора таъминот барқарор шуд.

Дар маҳалҳо баҳри ба амал ҷорӣ намудани лоиҳаи истифода аз қувваҳои муқобили барқӣ, ба мисли панелҳои офтобӣ корҳо ҷараён доранд. Аз ҷумла, чанде пеш Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ISA RESPEST» тобеъ ба «AL Fatx Trade Klaster»-и ноҳияи Фориш бар ивази 350 миллион сўм панелҳои офтобии иқтидораш 45 КВт муҷаҳҳаз сохт. Ба ғайр аз ин, ҳамин ҷамъият, ки ба бўрдоқипарварӣ тахассус дода шудааст, бо 300 миллион сўми дигар усули коркарди озуқаи чорворо ба роҳ монд.

Дар ноҳияи Ғаллаарал низ сари ба кор андохтани лоиҳаи Неругоҳи фотоэлектрии офтобии иқтидораш 220 МВт корҳо ҷараён доранд.

Ҳамчунин ба хотири мунтазам таъмин намудан бо қувваи барқ ва ғамхорӣ дар роҳи сиҳатии мардум дар шифохонаи марказии ноҳияи Арнасой таҷҳизоти наверо, ки 160 КВт энергияи электрӣ ҳосил менамояд, устувор намуданд. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «ARNASOY GOLD TEX» кумаки молиявӣ расонд.

– Дар ҳоле ки мамлакатҳои пешрафтатарини дунё ҳам ба муушкилоти нарасидани қувваи барқ ба мушоҳида мерасад, айни ҳол дар кишвари мо баҳри танзим ва барқарор намудани мувозинати таъмини аҳолӣ бо барқ кўшишҳо зиёданд, – гуфт роҳбари корхонаи шабакаи барқи ноҳияи номбурда Алишер Эсиргапов.

Тибқи қарори Сарвари давлат аз 28 декабри соли 2022 баҳри ташкили эҳтиёҷи аҳолии ду вилоят – Сирдарёю Ҷиззах бо қувваи барқ Неругоҳи аввалини рақамии «Зафаробод»-и дорои иқтидораш 220 КВт бунёд мегардад. Ба масофаи 144 километр бо ҳамин иқтидор шабакаи хати барқ кашида мешавад. Қариб нисфи корҳо ба сомон расиданд. Аз ин манбаъҳо аҳолии ноҳияҳои Ширин, Янгиер, Хавоси вилояти Сирдарё ва Зомин, Зарбдор, Зафарободи вилояти Ҷиззах истифода хоҳанд кард.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*Коллеҷи тиббиёти Зарафшони вилояти Навоӣ 30 сол аст, ки дар самтҳои тайёркунии ҳамшираҳо, давокунӣ ва ортопедӣ-стоматологӣ фаъолияти худро пеш мебарад. Коллеҷ дорои 555 ҷой буда, баробари ба толибилмон омўзондани дониш ва таҷрибаҳои тиббӣ, ба мазмуннок гузаронидани вақти фориғ аз дарси онҳо низ эътибори алоҳида медиҳанд. Толори варзиш, майдон, хобгоҳ барои 200 нафар, хонаҳои машғулот, лабораторияҳо дар асоси талаби замон таҷҳизонида шудаанд.*

*Маркази захира-ахбори коллеҷ дорои зиёда аз 36 ҳазор китоб буда, ин ҷо ҳар доим бо талабаҳо гавҷум мебошад.*

***Дар сурат:** дар коллеҷи тиббиёти Зарафшон.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

## ДУ ХАБАР АЗ СЎХ

### ОЗМУНИ «КИТОБХОНИ ҶАВОН»

***Таҳти ташаббуси якҷояи ҷамоати шаҳрвандони Ҳазрати Алӣ ва маъмурияти дабистони таълими умумии рақами панҷуми ноҳияи Сўх чорабиниҳои маънавию маърифатӣ сурат мегиранд.***

Аз ҷумла, дар ин муассисаи таълимӣ озмуни «Китобхони ҷавон» бо савияи баланд гузашт. Дар маросими кушоиши чорабинӣ раиси ҷамоати шаҳрвандон Субҳоналӣ Нишонов оиди нақши китоб ва мутолиа дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавии инсон, хусусан насли ҷавон баромад намуд ва ба иштирокдорони ҷавон, ба онҳое, ки барои бомуваффақият иштирок кардан дар озмун наздик ду ҳафта хеле омодагӣ дидаанд, омаду барор хост.

Хонандагоне, ки бо холҳои баланд ғолибӣ ба даст овардаанд, аз ҷониби раиси маҳалла ба мукофоти пулии якдафъаина сарфароз гардонда шуданд. Ба иштирокдорони фаъол туҳфаҳо супорида шуд.

### ҲОКИМ ДАРС ГУЗАШТ

***Тавре хидмати ахбори ҳокимияти ноҳияи Сўх маълум менамояд, рафти ислоҳот дар соҳаи таълим, дараҷаи донишу биниши донишандўзон, ки дар муассисаҳои таълимии ноҳия сабақ меомўзанд, мавриди эътибори роҳбарони дараҷаи гуногун дар қаламрав аст.***

Чунончи, гурўҳи корӣ таҳти сарпарастии ҳокими ноҳия Саидбаҳром Саидмўсоев дар мактаби рақами ҳаштум воқеъ дар маҳаллаи Чумоқча бо ҷамоаи омўзгорон ва толибилмон вохўрд. Ҳозирон оиди корҳое, ки ба иҷро расонда мешаванд, масоили ба таълиму тадрис вобаста, ки устодону шогирдонро ба ташвиш мегузоранд, фикру мулоҳизаҳои худро баён карданд. Бобати бартарафсозии норасоӣ, зарурати дар ҷои худ ҳаллу фасл сохтани мушкилот ҳоким ба масъулон супоришҳо дод.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки С. Саидмўсоев ҳамчун омўзгор дар синфи даҳум дарси кушод гузашт. Маҳорати хуби педагогиро низ молик будани роҳбари ноҳия, ки ба корҳои маънавию маърифатӣ сарубар аст, ошкор гардид. Дарс аз лаҳзаҳои шавқовар саршор буд, мегўянд иштирокдорони дарси кушод. Дар саволу ҷавобҳо хонандагон, ки худро озод ҳис менамуданд, фаъолона иштирок карданд. Толибаи аълохон Наҷминисо Бобошерова ифоданок шеъре хонд дар васфи Ватан басо таъсиромез.

Дар поёни дарс С. Саидмўсоев ба корҳои ояндаи толибони илм муваффақиятҳо хост.

Ташрифи навбатии гурўҳ ба дабистонамон, хусусан, дарсгузарии ҳоким, ки басо ҷолиб буд, ба мо рўҳбаландӣ бахшид, мегўянд омўзгорони ҷавони мактаби рақами ҳашт.

Ҷонишини ҳоким И. Абдумаҷидов ба хонандагони фаъоли мактаб маҷмўи китобҳои бадеӣ армуғон намуд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Бо ташаббус ва эътибори сарвари давлат Самарқанд чун бузургшаҳри дунё ба маркази сайёҳӣ ва тиҷорати байналхалқӣ табдил меёбад. Аз ин сабаб, шаҳри Самарқанд ба сифати воҳиди алоҳидаи маъмуриву ҳудудӣ ба тобеияти ҷумҳурӣ гузаронида мешавад. Барои ҳамин, таъмини эҳтиёҷоти меҳмонону мизбонон ба ислоҳоти васеи соҳаи нақлиёти ҷамоатӣ талаботи давр аст.***

# ДАР ХАТСАЙРИ НАВ – НАҚЛИЁТИ НАВ

Чанде пеш Президент дар ҷамъомаде, ки доир ба чораҳои ҷорӣ намудани системаи нави таъмини молиявии нақлиёти ҷамоатӣ барпо шуд, дар ҳамин мавзўъ ҳарф зада хотиррасон кард, ки дар ин соҳа муаммои зиёде вуҷуд дорад ва яке аз онҳо ташкил намудани хатсайри мувофиқ барои автобусҳои мусофиркаши замонавӣ аст

Боиси хушнудист, ки дар роҳи беҳбуди системаи нақлиёти ҷамоатӣ ва сатҳи хидматрасонӣ дар шаҳри Самарқанд қадамҳои нахустин гузошта шуд.

– Бар асоси нақшаҳои рушди инфрасохтори нақлиёти шаҳри Самарқанд ва ширкати хориҷии «Симетра» 41-то хатсайри асосӣ ва 33 хатсайри дараҷаи дуюм ташкил шуда истодааст, – гуфт иҷрокунандаи вазифаи сардори садорати нақлиёти вилоят Акобир Ашўров, – ширкати «Мароқанд транс – 777» бо мақсади навсозии автосарой аз Хитой 100 автобуси хушсохти замонавӣ харид ва то имрўз 28-тои онҳо аллакай ҳаракат мекунанд.

Вазорати сармоягузорӣ ва тиҷорати хориҷӣ бо бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд шартномаи ҳамкорӣ таҳия намуд. Дар асоси он ба шаҳри Самарқанд 350 электробус хоҳад омад, ки нархи он 95 миллион доллар аст.

Минбаъд мувофиқи нақша мусофирон дар тўли ҳамагӣ ним соат аз як гўшаи шаҳр ба гўшаи дигар мерасанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ҒАЛАБА МУБОРАК!

***Хонандаи синфи 4-уми мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Икром Ғуломаддинов дар мусобиқаи наврасони соли таваллудашон 2012-2013 дар миқёси вилоят аз рўйи намуди дзюдо, ки бахшида ба муносибати рўзи таваллуди Алишер Навоӣ баргузор шуд, ғалаба ба даст оварда, соҳиби дипломи дараҷаи якум гашт ва бо телевизор мукофотонида шуд.***

Барои ба ғолибият расидан Икром аз устодони варзиш Эргаш Саъдуллоев, Дониш Бобоев сипосгузор аст. Роҳбари синфи Икром омўзгор Абдуҳалим Азизов аз фатҳу бо баҳои хубу аъло хондани шогирдаш изҳори хурсандӣ намуд.

**Собир ҶОБИРОВ,**
**муаллими мактаби рақами 7-уми ноҳияи Сариосиё.**

# ИДОМАИ «ТАҶРИБАИ ОҚҚЎРҒОН» ДАР ҚАМАШӢ

***Дар ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё дар маҷмўъ 7195 муаммои ҳалталаб мушаххас ва 4106 (57%) аз онҳо ба таври фаврӣ дар мақоми худ ҳал гардиданд. Масоили боқимонда таҳти назорат гирифта шуд.***

Ин рақамҳо дар пешҳисоби гурўҳи кории мутахассисони варзидаи сатҳи ҷумҳўрӣ омадааст, ки тибқи лоиҳаи «Таҷрибаи Оққўрғон» созмон ёфта ва аз 30-юми январ ба ин сў дар ноҳияи Қамашӣ ҳузур доранд. Гурўҳи босалоҳияти мазкур дар давоми ин рўзҳо тамоми соҳаҳои қаламравро меомўзад.

Гуфта мешавад, мавзўи ҷаласае, ки дар маҷлисгоҳи ҳокимияти вилояти Қашқадарё бо аъзои гурўҳи кории ҷумҳуриявӣ ва ширкати як идда мақомдорони вилоят баргузор гардид, таҳлили натиҷаи санҷосанҷиҳо дар ноҳияи Қамашӣ будааст. Дар он роҳбари гурўҳ, ҷонишини мушовири Президент Улуғбек Муҳаммадиев ва ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов низ ширкат варзиданд. У. Муҳаммадиев таъкид кард, чунин омўзиш, ки бо фармоиши Президенти кишвар роҳандозӣ шудааст, роҳи беҳтарини аниқ кардани муаммоҳои ҳаёти мардуми қаламрав, мушкилоти рўзафзуни соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Агар ин муаммоҳо сари вақт аниқ ва ба таври фаврӣ ҳал нагарданд, дар кори сохтани Ўзбекистон Нав халал ворид месозанд. Ба гуфтаи ҷонишини мушовири Президент, гурўҳи кории таҳти раҳбарии ў на танҳо бо мушаххас кардани муаммоҳо маҳдуд мемонад, балки дар доираи имкон аксари он мушкилотро ба фоидаи ҷомеа ҳал месозад.

Ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов изҳор дошт, ки аз натиҷаҳои омўзиши куллии аз ҷониби гурўҳи кории босалоҳият хеле мамнун аст ва ин амал минбаъд ба суръати корҳо таконни хубе хоҳад шуд. Мақомот низ аз бурду бохти худ воқиф гардида, ба ҳалли муаммоҳои рўзгори мардум бештар таваҷҷўҳ зоҳир хоҳанд кард.

Дар пешҳисоби гурўҳи кории ҷумҳуриявӣ омадааст, аз ҷониби мутахассисони 17 вазоратхона ва идораҳои даҳлдори дигар, ки шомили он буданд, ситоди махсусе созмон дода шуд ва фаъолияти 60 маҳалла, ҳоли кунунии 52357 хонадон, 1171 иншооти иҷтимоӣ ва дигар муассисаҳо санҷида шуданд. Дар натиҷа, таҳти лоиҳаи «Ҳар як оила соҳибкор» ба 235 нафар шаҳрванд ба миқдори 6,6 миллиард сўм қарзи имтиёзнок, ба 321 нафар соҳибкор ва шаҳрвандон 12,4 миллиард сўм кредит дода шуданд. Аз ин миқдор барои 75 нафар донишҷў ҳудуди 627 миллион сўмина кредити таълимӣ ҷудо гардиданд. Шаш мактаби ноҳия ба миқдори 91 миллион сўм адабиёти бадеӣ ва асбобу анҷоми варзишӣ гирифт. Дар се мактаб ба маблағи 345 миллион сўм панелҳои офтобӣ насб шуданд, ки талаботи онҳо ба қувваи барқ қонеъ хоҳад шуд. Дар соҳаи тандурустӣ ҳам муаммоҳои ҷойдошта ба таври мусбат ҳалли худро ёфтанд ва ба шаҳрвандони камбизоат барои табобат маблағи алоҳида ҷудо шуданд. Ҳамчунин, муроҷиати ду нафар шаҳрванд дар хусуси дарёфти шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистон қонеъ гардонда шуд.

Хуллас, аз тарафи гурўҳи кории босалоҳияти ҷумҳурӣ тамоми соҳаҳо санҷида шуданд, дар ҳама ҷо дарди дили мардумро шуниданд ва муаммоҳои ҷойдошта дар доираи имкон ҳаллу фасл гардиданд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

# ХУДКУШӢ ГУНОҲИ КАБИРА АСТ

Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон

Ҳамди бешумор бар Худои Аҳад, дуо ва дуруд бар Муҳаммад Мустафо.

Аммо баъд, Худованд бар бандаҳои худ неъмати бешумор ато кард, ки ақли инсонӣ дар шумори онҳо оҷиз аст. Миёни он неъматҳои бебаҳо аз ҳама волотарин ҷон аст. Зеро инсон барои он ки неъматҳои дигарро бипазирад, бояд соҳиби ҷон бошад. Дар бисёр ҷойҳои Қуръони азимушшаън дар бораи офариниши одам сухан меравад ва аз онҳо маълум мегардад, ки ҷон барои инсон неъмати бузургест ва мақомаш дар назди неъматҳои дигари Парвардгор баланд мебошад.

Аллоҳ таоло марҳамат мекунад:

**«Мо инсонро дар машаққат офаридем».**

Маълум аст, ки зиндагонии одам ҳамеша ҳамвор набуда, баъзан бо машаққате ҳам тавъам мебошад. Дар пай осониву сабукиҳо низ дорад. Аллоҳ таъоло дар оятҳои 5 ва 6-уми сураи Иншироҳ мефармояд:

«Бас, албатта, баъд аз душворӣ осонӣ, баъд аз камбағалӣ ғанӣ шудан аст».

Ҳазрати Алишери Навоӣ раҳматуллоҳи алайҳӣ мегӯяд: «Баройи зиндагонии ҳаштодсола инсон бояд сабри ҳаштодсола дошта бошад».

Сухани донишманд рост аст, агар мо нияти сад сол зистан дошта бошем, бояд соҳиби сабре ҳам бошем, ки ба сад сол кифоя кунад.

Мувофиқи таълимоти дини мубини ислом ҳар чӣ воқеъ гардад, бо иродаи Парвардгор ба вуҷуд меояд. Ҳар машаққате, ки дар зиндагонии мо пеш меояд, имтиҳонест, ки барои вай аҷр мегирем. Ҳар вақте мусибат пеш ояд, мо бояд барои талаби савоб сабр кунем ва чунин бигӯем: «Мо бандаи Худоем ва ба сӯйи Ӯ бозмегардем».

Аллоҳ таъоло марҳамат мекунад:

***«Мо шуморо бо каме хавф, азоби гуснагӣ ва бо кам кардани молу ҷон ва меваҳо имтиҳон хоҳем кард, (Эй Муҳаммад) ба сабркунандагон мужда бирасон. Касоне, ки ҳангоми расидани мусибат: «Мо бандаҳои Худоем ва ба сӯйи ӯ пас мегардем», мегӯянд, касонеанд, ки ноил ба дурудҳо буда, сазовори раҳмати Парвардгорашон мешаванд ва онҳо роҳи рост ёфтагонанд».***

Мо, ки мусулмонем, мусибат ва воқеаҳои ба ғам пайванд бояд боиси парешонӣ ва таҳлукаамон нашаванд. Баръакс, мо бояд бо талаби савоби сабр аз Худованд умеди раҳоӣ хоста, зиндагии худро давом бидиҳем. Ягон рӯзи сахт бандаи муъминро набояд дар изтироб андозад. Ҷон амонати Парвардгор бар мост ва мо онро бояд чун гавҳараки чашм нигаҳбон бошем. То ҳол мушкиле бо худкушӣ осон нагаштааст ва аз ин баъд низ намешавад.

Худкушӣ гуноҳи кабираест, ки ҷазояш дар охират хеле сахт хоҳад буд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

**«Шумо худкушӣ накунед! Албатта, Аллоҳи таъоло ба шумо дилсӯз ва меҳрубон аст».**

**Ҷон ин амонати Ҷонофарин аст, Ӯ худ кай хоҳад онро бозпас мегирад.**

Пайғамбари охирзамон марҳамат кардаанд:

**Касе, ки худовезӣ мекунад,дар дӯзах низ ба ҳамин намуди азоб гирифтор мешавад. Он кас, ки худро ба теғ мекушад, дар дӯзах низ чун теғкушта азоб мебинад.**

Хулоса, сад хели азоби ин дунё ба як намуди азоби охират баробар нест.

**Аббосхон АБДУЛЛОЕВ,**
**ходими илмии Маркази байналмилалии илмию тадқиқотии Имом Тирмизӣ.**

*1. Сураи «Бақара», ояти 155.*

*2. Имом Бухорӣ аз Абу Ҳурайра розияллоҳу анҳу ривоят кардааст.*



Дар Марғелон зиёда аз даҳ ҳазор шаҳрвандон бо ҳунармандӣ машғуланд. Аз онҳо 565 нафар ба иттиҳодияи «Ҳунарманд» аъзо буда, дар самтҳои тайёркунии матоъҳои миллӣ ба монанди, адрасу атлас ва дӯхтани либосҳо аз он, кандакории чӯб, тоқидӯзӣ, ҷомадӯзӣ, оҳану мисгарӣ фаъолият мебаранд. Соли гузашта бо қарори ҳунармандони умумиҷаҳонӣ ба шаҳри Марғелон мақоми «Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандони абрешим ва икат» доданд. Марғелон яке аз сеюмин шаҳри Ӯзбекистон мебошад, ки ба рӯйхати «Шаҳрҳои ҳунармандон»-и Шӯрои ҳунармандони умумиҷаҳонӣ дохил гардидааст. Маркази ҳунармандоне, ки ин ҷо барпо шудааст, диққати сайёҳонро ба худ ҷалб мекунад. Ин ҷо истеҳсоли зиёда аз 200 навъи атласу адрас, қолинбофӣ, дӯзандагӣ ва маҳсулоти ҳунармандӣ ба роҳ монда шудааст. Алҳол дар вилоят 20 маркази ҳунармандӣ фаъолият дорад.

***Дар акс:** ҳунармондони шаҳри Марғелон дар сари кор.*

**Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).**

***Нафақат ҳамдиёрон, балки сайёҳоне, ки аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба Ӯзбекистони офтобрӯяи мо меоянд, хуб медонанд, ки таомҳои минтақаҳои мухталифи он бинобар таъму мазаашон яке аз дигаре болаззаттаранд.***

# ҲИММАТ ВА ШУҶОАТИ ЛОИҚИ ТАҲСИН

Алҳол кишвари мо мувофиқи маълумотҳо, дар байни давлатҳои ИДМ доир ба саёҳати гастрономӣ дар мақоми панҷум аст.

Фарзанди номвари Чуст Баҳриддин бо фаъолияти худ собит намуд, ки дар Ӯзбекистон барои рушди сайёҳии гастрономӣ ва ҳамватанононе, ки ин намуди соҳибкориро пеш гирифтанианд, имкониятҳои васеъ мавҷуданд.

Дар мисоли дастовардҳои Баҳриддин метавон гуфт, ки ҳоло на фақат дар варзиш, технологияҳои иттилоотӣ, ёки соҳибкорӣ, балки дар соҳаи гастрономӣ низ шуҳратманд шудан, номи диёри азизро машҳур кардан имконпазир аст. Барои ин майлу хоҳиш ва саъю ҳаракат кофист.

Баҳриддини Чустӣ 19 октябри соли 1984 дар шаҳри Чуст дида ба дунё кушод. Айёми бачагӣ чун дигар ҳамсолонаш ба футбол шавқи зиёд дошт. Баъдан қисмат ӯро ба роҳи дигар бурд...

Падараш муаллими мактаби миёна буду модараш мураббии кӯдакистон. Оилаи онҳо, агарчи дукони хурде дошт, дар зиндагӣ мушкилиҳо пеш меомаданд. Ин аст, ки соли 1998 аҳли оила ба пойтахти кишвар кӯч баста, бо нонпазӣ машғул шуданд. Дере нагузашта падар аз олам гузашт.

Баҳриддин, ки фарзанди калонии оила буд, масъулияти ба воя расондани панҷ нафар додару хоҳар ба зиммаи ӯ афтид. Аз ин боис, барои таъмини рӯзғор дар ошхонаи хӯроки умумии шаҳр ба кор шурӯъ кард. Чанд муддат дар ошхонаву ресторанҳои шаҳрҳои Русия, Туркия, Қазоқистон, Украина ва Тотористон ошпазӣ кард. Соли 2013 боз ба Чуст баргашта, ошхонаи шахсии худро кушод.

– Даврони наврасӣ ба нонпазе шогирд шуда, дар 18-19-солагӣ аллакай мустақил таом омода карда метавонистам, – ба хотир меоварад Баҳриддин. – Хӯрокҳои миллии мо гуногуну хуштаъманд. Аммо доир ба ин мавзӯъ агарчи китобҳои алоҳида чоп шудаанд, ангуштшуморанд. Аз ҷумла, китобҳои Карим Маҳмудов, Ҳаким Ғаниев, Сталик Ханкешеев ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳое мавҷуданд, ки таомҳои миллии моро тарғибу ташвиқ мекунанд, дар бораи онҳо маълумот медиҳанд.

Бояд гуфт, ки барои рушди сайёҳии гастрономӣ ва таъмини иҷтимоии аҳолӣ рушди соҳа ҷойгоҳи алоҳида дорад.

Таҳти роҳбарии Баҳриддини Чустӣ китобҳои «Нон» ва «365 рӯзи офтобӣ» ба табъ расиданд. Дар китоби аввал муаллиф дар бораи зиёда аз 50 намуди нон, 10 навъи таом, ки бо истифода аз нон омода мешаванд, ҳамчунин оид ба маданияти хӯрокпазӣ маълумот медиҳад.

Офтоб ва нон ҳамшакланд ва ин неъмат тамоми 365 рӯзи сол аз дасторхони мардум канда намешавад, аз ин сабаб, муаллиф китоби навбатиро «365 рӯзи офтобӣ» номидааст. Барои офаридани он гурӯҳи корӣ бо сарварии Баҳриддин тӯли шаш моҳ дар байни мардум гашта, нон ва тарзи тайёр кардани беш аз 100 навъи таомро навишта гирифтанд, ки ҳар кадом таърихи хос доранд. Масалан, иҷон ном таом танҳо дар Хоразм барои хони Хива пухта мешудааст. Барои омода кардани он гӯшти резакардашуда тӯли 2-3 соат ба шакли паштет оварда мешавад. Баъди пухтан онро бо нон ва қаламфури талх мехӯранд, ки тар-тар ном хӯроки франсузҳоро ба ёд меоварад.

— Соли 2011 барои ворид шудан ба китоби Гиннес ариза навиштем, – мегӯяд Баҳриддини Чустӣ. – Азбаски мувофиқи талаботи он, ки нисбати биринҷ ва сабзӣ 80 ба 20 аст, аризаи мо қабул нагардид. Пас аз чанд сол талабот тағйир ёфт, ки бино бар он миқдори маҳсулот аҳамият надошт. Аризаи навбатии мо қабул шуд ва мо аз пайи дарёфти инвестор шудем.

Соли 2017 барои Ҷамъияти ошпазони Ӯзбекистон соли хотирмон буд. Бо ташаббуси Баҳриддини Чустӣ оше, ки 7 тоннаву 360 килограмм вазн дошт, омода карда шуд. Ба ҷараёни кор 50 нафар ошпази моҳирро интихоб карданд, ки насли панҷуми ошпазони машҳури Расуловҳо – Ҳасан Расулов ба онҳо сарварӣ кард.

Пас аз ба китоби рекордҳои Гиннес дохил гардидани ин корнамоӣ, ки бо ташаббуси ӯ ҷараён гирифта буд, мардум ба ҳиммат ва шуҷоати вай офарин гуфтанд.

— Ҷой гирифтан аз китоби рекордҳои Гиннес ба осонӣ даст надод, — мегӯяд Баҳриддин Чустӣ. — Чунки то он вақт деге ба ин андоза бузург вуҷуд надошт. Барои донистани ҳаҷм ва диаметри он бо касоне, ки бо ҳавзсозӣ сарукор доштанд, ҳамсӯҳбат шудем. Баъд бо ошпазони кордида машварат оростем.

Азбаски то он вақт ба ин миқдор ош омода нашуда буд, мо барои тайёр кардани дег роҳи заводи металлургияи Олмалиқро пеш гирифтем. Онҳо мувофиқи талаботи мо чунин деги бузургҳаҷмро сохтанд. Барои таҷрибаомӯзӣ ба миқдори зиёд ош тайёр кардем. То он вақт чак-чаки бузургро низ омода карда будем, ки барои «оши калон» таҷрибаи аввалин буд.

Баҳриддин дар баъзе тадбирҳои ватаниву байналхалқӣ бо ҳунари хеш таваҷҷуҳи атрофиёнро ҷалб месозад. Чунончи, дар намоише бо гурӯҳи худ дар як вақт дар як танӯр 25 навъи таомро омода кард, ки дар таркибаш аз таоми гӯштии «иҷон»-и Хоразм то ҳалвои «пашмак» буд. Ӯ ин намоишро «Муъҷизаи танӯр» номгузорӣ кард, ки ҳам тамошобинон ва ҳам хӯрандагонро ба ҳайрат гузошт.

Асарҳои Баҳриддин ба забонҳои русиву англисӣ низ рӯйи чопро дида, дар намоишгоҳҳои китобҳои ҷаҳон намоиш дода шудаанд, ки тавассути онҳо ошхонаи миллии мо тарғибу ташвиқ карда мешавад.

– Касе, ки касбу ҳунар дорад, дар ҳаёт роҳи худро меёбад, – мегӯяд роҳбари давлатамон Ш. Мирзиёев дар Муроҷиатномаи худ ба Олий Маҷлис ва мардуми Ӯзбекистон. Ман ҳар боре, ки дар бораи дастовардҳои Баҳриддини Чустӣ мешунавам, ин гуфтаҳои роҳбари мамлакат ба хотирам меояд.

Дарҳақиқат, касе, ки донишу хирад дорад, соҳиби касбу ҳунар аст ва ба зиндагии орому фаровон саъй мекунад, азму нияташ бешубҳа самараи дилхоҳ медиҳад.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МОҲОНАИ САЛОМАТИИ КОРМАНДОНИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

***Аз 1-уми феврали соли ҷорӣ бо ташаббуси Вазорати ҳифзи тандурустӣ бори аввал дар Ӯзбекистон бо мақсади солимгардонии коркунони соҳаи кишоварзӣ пеш аз оғози мавсими баҳор аксияи «Моҳонаи саломатии кормандони хоҷагии қишлоқ» гузаронида мешавад.***



Дар доираи ин иқдом 14-уми феврали соли равон таҳти ташаббуси Садорати ҳифзи тандурустии вилояти Самарқанд дар ноҳияи Каттақӯрғон санҷиши амиқи тиббӣ гузаронида шуд.

Деҳқонону фермерон, боғдорон, кормандони кластерҳо ва аъзои оилаи онҳо аз санҷиши амиқи тиббӣ, инчунин скрининг гузаронида шуданд.

– Беш аз 30 нафар шифокорони ботаҷрибаи муассисаҳои табобатии вилоят ва бригадаҳои тиббӣ намояндагони соҳаи кишоварзӣ, инчунин, аҳолии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қародарё ва маҳаллаҳои гирду атрофи ноҳияро ҳамаҷониба муоина карданд, – гуфт роҳбари Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Каттақӯрғон Манзура Асророва. – Бояд таъкид кард, ки мо пештар низ чунин санҷишҳои тиббиро амалӣ мекардем, вале онҳо ба таври умумӣ сурат мегирифтанд. Ин иқдом бори аввал пеш аз оғози мавсими киштукор гузаронида шуд. Зеро дасторхони мардуми кишвар маҳз туфайли ҷидду ҷаҳди меҳнаткашони хоҷагии қишлоқ пурфайз аст. Онҳо аз аввали баҳор саргарми корҳои кишоварзӣ мешаванд. Дар доираи аксияи имрӯза қариб 700 нафар аз санҷишҳои пулмонолог, терапевт, эндокринолог, уролог, онколог, травматолог, невропатолог ва шифокорони дигар соҳаҳо гузаштанд.

Дар ин кор шаҳрвандон аз хидмати клиникаи офтомологии мобилӣ, дастгоҳи сайёри маммография ва муоинаи сайёри ултрасадои муассисаҳои табобатӣ-профилактикии вилоят истифода бурданд.

Рӯйхати шаҳрвандоне, ки аз назорат гузаштанд, таҳия гардида, барқарорсозии саломатии онҳо зери назорат гирифта шуд.

– Мо дар ноҳия фаъолияти хоҷагии фермерии «Ёқуббобо»-ро, ки ба пахта, ғалла ва чорвопарварӣ ихтисос дорад, пеш мебарем, – гуфт сокини маҳаллаи Мойбулоқи ноҳия Тӯхтатош Камолова.

– Ман омӯзгори собиқадор ҳастам, беш аз 35 сол дар соҳаи таълим кор кардам, ҳоло нафақахӯрам. Чанд сол боз аз дарди пой азият мекашам. Имрӯз ба санҷиши тиббӣ омадам. Травматологҳо муоина карда, тавсияҳо доданд. Умед дорам, ки пас аз гирифтани табобат аз ин дард фориғ мешавам.

Дар аксия тибқи тавсияи мутахассисон аз ҷониби Хазинаи хайрияи «Соғлом авлод учун» барои мустаҳкамсозии саломатии шаҳрвандон беш аз даҳ намуди доруворӣ бепул тақсим карда шуд.

Боиси ёдоварист, ки пеш аз оғози аксия иттиҳодияҳои тиббии вилоят рӯйхати 11313 нафар кормандони соҳаи кишоварзӣ ва 27877 нафар аъзои оилаи онҳоро тартиб дод.

То имрӯз 18596 нафар (47%) аз муоинаи профилактикӣ гузаштанд, дар 3101 нафар шаҳрванд бемориҳои гуногун муайян гардид. Дар 1110 нафари онҳо бори аввал беморӣ ташхис карда шуд.

2841 нафар (91%) шаҳрванд табобат гирифта, ба 416 нафар барои табобати амбулаторӣ, ба 79 нафар ба муассисаҳои тиббии вилоятӣ ва ба 12 нафар барои табобат дар муассисаҳои ҷумҳуриявӣ роҳхат дода шуд.

Моҳона то 1-уми марти соли ҷорӣ давом мекунад.

**Ф. ЮЛДОШЕВ,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

*Минбари донишҷӯ*

# ДУОИ НЕКИ ВОЛИДОНАМ РАҲНАМОИ МАНАНД

Вақте доир ба мактабу таълим сухан меравад, гуфтаҳои пурҳикмати Сарвари давлат ба ёд мерасанд:

«Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб, аз низоми таълиму тарбия оғоз меёбад».

Ман соли 2004 дар деҳаи зебоманзари Ӯхми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах ба дунё омадаам. Банда низ мисли садҳо нафар ҳамсолонам аз хурдсолӣ ба пешаи омӯзгорӣ дар дили худ майлу ҳавас мепарваридам. Падарам китобдори мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46-уми деҳа мебошанд. Бародарам омӯзгори ҳамин мактаб аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар ҳалқаи одамони бамаърифат, оилаи омӯзгор ба камол мерасам. Барои ин ба даргоҳи Худованд шукргузорӣ мекунам.

Дар мактаб аз сабақҳои устодони олиқадр Тӯймурод Махсадов, Холибек Йӯлдошев, Асалбой Икромов ва дигарон баҳраманд гаштаам. Бо роҳнамоии падарам Холбой Шомуродов баробари азхудкунии дарс, китобҳои бадеӣ мутолиа мекардам, ки имрӯз ба ман ёрӣ мерасонанд. Соли сипаришуда ба Донишгоҳи соҳибкорӣ ва омӯзгории Деҳнав (вилояти Сурхондарё) дохил шудам ва алҳол донишҷӯйи соли аввали он ҳастам.

Омӯзгорӣ пешаи муборак аст. Таълиму тарбияи насли наврас кори шарафнок ба шумор меравад. Инро хеле хуб дарк менамоям. Дар аснои таҳсил дар Донишгоҳ кӯшиш ба харҷ дода истодаам, ки хубу аъло хонам. Дар ҷумҳурии мо бо раҳнамоии Президент барои таҳсилу кори мо – ҷавонон, ҳамаи қулаиҳо фароҳам оварда шудааст. Президентамон қариб дар ҳар як маърӯзаи хеш таъкид менамоянд, ки бояд бонувон ба таҳсил ва кор ҳар чӣ бештар фаро гирифта шаванд. Гуфтаҳои эшон имрӯзҳо амалӣ мегарданд. Боғчаҳои бачагона торафт зиёд мешаванд. Аз синни хурдсолӣ ба таълиму тарбия таваҷҷуҳ нигаронида мешавад. Ин водор месозад, ки ба халқу Ватан хидмат карданро дар дил аҳд намоям.

Ба устодонам ва волидонам сипос мегӯям, ки пандҳову дуои некашон ҳамеша раҳнамои мананд.

**Сабина ДИЛМУРОДОВА,**
**донишҷӯйи соли аввали Донишгоҳи соҳибкорӣ ва омӯзгории Деҳнав.**

*ЁДГОРИҲОИ ҚАДИМАИ МЕЪМОРӢ*

# ЗИЁРАТГОҲИ МУБОРАК

***Сарзамини Сурхон аз қадимулайём ҳамчун диёри инсонҳои бузургу табаррук машҳур аст. Он ҳамчунин мавзеи зиёратгоҳҳои қадимиву муборак ба шумор меояд.***

Яке аз чунин зиёратгоҳҳо, ки таърихи ҳазорсола дорад, маҷмааи ёдгории «Оқ остонабобо» мебошад. Вай дар деҳаи ҳамноми ноҳияи Узун воқеъ буда, дар асрҳои X-XII сохта шудааст. Дар ин мақбара қабри қадимае ҳаст, ки оромгоҳи охирини яке аз саҳобагони садоқатманди пайғамбар алайҳиссалом Муҳаммад Абдурраҳмон ибни Саҳр ад-Давсӣ Абу Ҳурайра (розияллоҳу анҳу) мебошад.

Ривоят мекунанд, ки дар он ҷое, ки дарёҳои Тӯпаланг ва Қаротоғ бо ҳам мепайванданду сарзамини Сурхонро шодоб менамоянд, Абу Ҳурайра (р.а.) зиндагӣ мекунад ва пас аз вафоташ мардум ӯро дар оромгоҳи «Оқ остонабобо» дафн намуда, мақбара барпо мекунанд.

Мегӯянд, ки лақаби Абу Ҳурайраро барои эшон пайғамбар интихоб кардаанд. Овардаанд, ки Абу Ҳурайра (р.а.) ҳофизаи хуб дошта, шашсад ҳазор ҳадиси пайғамбарро аз ёд медонистааст.

Абу Ҳурайра (р.а.) аз қабилаи давсии арабӣ будааст, ки то соли шашуми ҳиҷрат қабилаи калонтарини араб ба шумор мерафт. Ӯ инсонҳоро ба некӣ даъват мекард.

Рӯзе падару писарро дида пурсид:

– Ин мард кист?

Ҷавон ҷавоб дод:

– Падарам.

Абу Ҳурайра (р.а.) гуфт:

– Ҳаргиз падаратро бо номаш ҷеғ мазан, аз ӯ пеш магард ва аз вай боло машин.

Таърихшиносон қайд кардаанд, ки асрҳои X-XII дар Осиёи Миёна санъати меъморӣ хеле тараққӣ кардааст ва айнан дар ҳамин давра ба шарафи Абу Ҳурайра (р.а.) мақбара бардоштаанд.

Ҷиҳати фарққунандаи зиёратгоҳи «Оқ остонабобо» он аст, ки дар тарафи ғарбии девори мақбара, дар баландии 3-3,5 метр аз сатҳи замин 2 ороиши тамғамонанд дар шакли тӯмор вуҷуд дорад.

Ин дар санъати наққошии Осиёи Миёна як композитсияи нодир ба шумор меравад. Ситораи ҳафтгӯшае, ки дар маркази он растанӣ тасвир ёфтааст, гӯё аломатест, ки ба инсонҳо некӣ меоварад, бахту омад ҳадя мекунад. Дар тарафи рости ороиш сурати офтоб ҷой дорад. Он рамзи оташ ва гармӣ аст.

Дар тарафи чапаш рамзи офаринанда ва ҳаётбахш – зан ниҳон аст. Аломатҳо дирӯз ва имрӯз, марг ва зиндагиро ифода мекунанд. Ҳар кӣ ба ин зиёратгоҳ бо эътиқоди комил ва аз сидқи дил ворид шавад, ба ӯ баракату омад ёр хоҳад шуд. Дар хусуси ин аломатҳо, ки омили барака ва омад ҳастанд, Фарғонӣ, Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино барин бузургон фикру ақидаҳои худро навиштаанд.

Санги қабри Абу Ҳурайра (р.а.) аз мармар аст. Санги мармари чоркунҷа пас аз сад сол ё аз он бештар иваз карда шудааст. Дар қисми болоии санги мармари кунунӣ, ки аз тарафи устоҳои маҳаллӣ соли 1425 гузошта шудааст, оятҳо аз сураҳои «Ихлос», «Бақара», «Кавсар» ва дуои «Оят-ул-курсӣ» ҳаккокӣ шудаанд.

Сад қадам дуртар аз мақбараи Абу Ҳурайра (р.а.) дар тарафи офтоббаро чиллахона низ вуҷуд дорад. Дар рисолаи археологҳои номӣ Галина Пугаченкова ва Эдвард Ртвеладзе бо номи «Ҳафриёти (археологияи) қадимтарини Ӯзбекистони Ҷанубӣ» маҷмӯаи ёдгории «Оқ остонабобо» низ ба забон оварда ва таърихи 3000-сола доштани экспонатҳои он қайд шудааст. Махсусан, паррандаи сангин ва навиштаҷоти рӯйи он хеле қадима ба шумор меравад.

Хулоса, маҷмааи ёдгории «Оқ остонабобо» аз зиёратгоҳҳои мардумӣ аст ва агар он ба як манзили ободи сайёҳӣ табдил дода шавад, нуран ало нур мегардид.

**Сафаралӣ ЭШМИРЗОЕВ,**
*ноҳияи Узуни*
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

**Обуна – 2023**

# АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ

***Чун шумораҳои аввали соли ҷории рўзномаи «Овози тоҷик» бо теъдоди ниҳоят кам – 350 чоп шуд, бешубҳа, бисёриҳо ангушти ҳайрату надомат газидем. Бонги изтироб ва афсўсу надомат дар саҳифаҳои фейсбуку сомонаҳои дигар пайи ҳам зуҳур карданд. Ростӣ, ин аксариятро ноумед сохт. Вале, хушбахтона охири моҳи январ муждаи бо теъдоди зиёда аз 4600 нусха чоп шудани рўзнома сартосари ҷумҳурӣ паҳн гардид, мавҷи табрикот дар расонаҳову сомонаҳо боз пайдо шуданд.***

Яъне, бо саъю ҳаракат ва талошҳои ҳайъати таҳририяти рўзнома адади «Овози тоҷик» аз моҳи феврал боз афзуд, инчунин, ҳомиёне низ пайдо гардиданд, ки рўзномаро дастгирӣ карда, ба муштариён умед бахшиданд. Оё бо ин метавон гуфт, ки муаммои рўзнома ҳал гардид? Ба андешаи мо ҳаргиз не! Чаро? Инак, дар ҳамин мавриди мехоҳем чанд андешаи худро иброз дорем.

Маълум, ки се сол инҷониб таҳририят бо кумаки ҳомиёни саховатпеша муштариёни худро обуна мекунад ва рўзномаро ба онҳо ройгон медиҳад. Соли 2021 обунаи рўзнома ба 800 нусха, соли 2022 бошад, ба 700 нафар ҳам нарасида буд. Инак, дар соли ҷорӣ туфайли «ҳимматбаландии мо – тоҷикони забондўсту рўзномахон» сафи обуначиён ба 350 нафар (Худо медонад, ки он чандмоҳа аст) фаромаду ба шарофати ҳомиён аз моҳи феврал ба 4600 нусха расид. Агар кор ба ҳамин минвол сурат бигирад, соли оянда тақдири обунаи рўзнома чӣ мешуда бошад? Оё минбаъд ҳам ба умеди ҳомиён шуда нисбати рўзнома лоқайдона муносибат мекунем?

Шояд аксарият андеша доранд, ки дар ҳама вазъ муассис рўзномаро дастгирӣ мекунад ва он мунтазам чоп мешавад. Лекин мо чӣ? Оё рафтору муносибати мо нисбат ба рўзномаҳои тоҷикӣ, алалхусус, «Овози тоҷик» ягон рўз беҳтар мешавад? Ин масъалаи мубрам дар назди намояндагони як миллати бузург кай ҳалли худро хоҳад ёфт?

Ҳамзабонону ҳамватанони азизу гиромӣ! Биёед, ба вазъи зиндагӣ ва забони миллиамон дар Ўзбекистон назаре кунем.

Алҳол зиндагиамон дар Ўзбекистони соҳибистиқлол хубу осоишта аст. Ягон асос надорем, ки аз давлат шикваю гила кунем. Пештар менолидем, ки сарҳадамон бо кишвари Тоҷикистон бастаасту мактабу маорифамон маҳдуд гардида. Ҳатто менолидем, ки рўзномаву барномаҳои тоҷикӣ надорему марказҳои миллиамон низ нест. Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев ҳамаи ин мушкилоту тазйиқҳо аз байн рафтанд. Акнун мо ба ҳар маънӣ озод ҳастем. Фарзандонамон метавонанд дар кишвари ҳамсоя таҳсил гиранд. Мо метавонем китобҳои тоҷикиро дар Ўзбекистон чоп кунем. Соҳиби мактабу маъориф, рўзномаву дигар воситаҳои ахбор, марказҳои миллӣ ҳастем.

Ҷойи гила он аст, ки шукргузор, ҳимматбаланд нестем. Мо, ки дар тўю сур ва ҷашнҳо даста-даста пулро сарф мекунем, чи мешавад, ки ба рўзномаҳои тоҷикие, ки дар Ўзбекистон чоп мешаванд, ба мисли «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар», «Садои Сўх» муташаккилона обуна шавем. Ин амал ба мисли аз баҳр қатреро ҷудо кардан, яъне маблағи ночизеро барои обуна сарф кардан асту бас!

Масъалаи дигар он аст, ки бояд ба тақсими рўзномаи «Овози тоҷик», ки аз тарафи таҳририят ройгон дода мешавад, эътибори ҷиддӣ диҳем. Зеро таҷрибаи солҳои пешин собит кард, ки дар баъзе ҷойҳо он сари вақт ва пурра ба дасти хонандагон нарасид.

Азизон! Акнун вақти он расидааст, ки дар ин кор дастҷамъона саҳмгузор бошем, то рўзнома хонандаи худро дарёбад.

Мутаасифона, муносибати мо бо китобҳои тоҷикӣ низ чунин аст. Бисёр саволҳо моро ранҷ медиҳанд ки чаро дар Русия, Аврупо, ё худ он сўйи укёнус мероси ғании ниёгонамонро мутолиа мекунанду худи мо не? Чаро аҳли илму адаби хориҷӣ (немису инглис ва дигар халқҳои ҷаҳон) ба адабиёти форс-тоҷик ин қадар меҳри беандоза доранду мо не?!

Ҳастанд нафароне, ки сари ин масъалаҳо андеша ва ҷидду ҷаҳд мекунанд. Агар ҳар кадоми мо ба сафи чунин маърифатпарварон ҳамроҳ шавем, давлат ҳам аз мо розӣ мешаваду дари муваффақиятҳо ба рўямон торафт бештар боз мегардад.

Ба суханҳои боло бо шеъри шоири шаҳир Бозор Собир шуморо ба посдории забони азизу шаккарборамон даъват месозем:

*Дар сари сад минбар*
*афтоданд нозирҳои ў,*
*То наафтад бар замин*
*қадри сухан.*
*Дар сари сад дор ҷон*
*доданд шоирҳои ў,*
*То наафтанд аз забони*
*хештан.*

Умед аст, пас аз хондани ин мисраъҳои устод, агар ҷонбозӣ накунем ҳам, ақаллан, ба рўзномаҳои тоҷикие, ки дар ҳудуди Ўзбекистон чоп мешаванд, хосатан ба «Овози тоҷик», ки ягона рўзномаи ҳукуматии мост, обуна мешавем. Вагарна, баъдан ба азоби виҷдон мемонему таърих ҳам моро нахоҳад бахшид.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**
**Ҷамшед ҶУМЪАҚУЛОВ,**
**устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарҳи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

***Чанд рўз қабл дар варзишгоҳи марказии ноҳияи Рометан бо ташаббуси клуби таълимӣ, варзишию техникии ташкилоти «Ватанпарвар»-и ноҳия таҳти шиори «Ватан фарзандони фидоии худро фаромўш намекунад» бахшида ба хотираи ҳамдиёрамон Наил Шафигуллин, ки дар роҳи соҳибистиқлолии мамлакат ҷони худро нисор кардааст, байни ҷавонон оиди варзиши тобистонаи биатлон мусобиқаҳои вилоятӣ ба амал омад.***

# МУСОБИҚАИ ВИЛОЯТИИ БИАТЛОН

Дар тадбир ҳамаи ҷамоаҳои муассисаҳои таълимии ташкилоти «Ватанпарвар» иштирок карданд. Мақсади асосии қувваозмоиҳо оммавӣ гардондани намудҳои техникию амалии варзиш, ҷалб намудани ҷавонон ба сексияҳо ва маҳфилҳои спортӣ, тарбияи онҳо дар рўҳи ҳарбию ватанпарварӣ, қавитар гардондани корҳо бобати ташаккул додани эҳсосоти ҷавобгарӣ ба ҳифзи якпорчагӣ ва соҳибистиқлолии мамлакат иборат аст.

Дар мусобиқаи тобистонаи варзиши биатлон беш аз 100 нафар варзишгарон иштирок карданд. Байни ҷамоаҳо ҷойи аввал ба ҷамоаи Маркази техникӣ ва намудҳои амалии варзиши вилоят, ҷойи дуюм ба варзишгарони клуби таълимӣ, варзишию техникии ноҳияи Вобканд ва ҷойи сеюм ба спортчиёни клуби таълимӣ, варзишию техникии ноҳияи Шофиркон насиб кард.



Ғолибон бо диплом, медал ва тўҳфаҳои қиматбаҳои ташкилоти «Ватанпарвар» ҳавасманд гардонда шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ДАР БА РЎЙИ ДЎСТОН БИКШОДАН АСТ...

Шайх Аттор фармудааст:
*Фахри ҷумла корҳо нон додан аст,*
*Дар ба рўйи дўстон бикшодан аст.*

Воқеан, дар ҳаёт дўстони самимӣ, инсонҳои хоксору фурўтан ва дарёдил бисёранд. Ман мехоҳам дар бораи яке аз онҳо – инсони саховатпеша Бахтиёр Фозилов чанд сухан гўям.

Соли 2020 пас аз таъмири маҷмааи ёдгории ҷанговарони байналмилал, ки дар Афғонистон ҳалок шудаанд, собиқадорон дар орзуи барпо кардани қаср ва гузоштани парчаме буданд, ки рамзи ҷанги афғонро дошта бошад. Аммо барои ин имкон, яъне маблағ ёфт намешуд. Вале, орзуҳои нек албатта, амалӣ мешудаанд. Барои ин «сеҳргар» лозим будааст. Мо чунин «сеҳргар»-ро дар тимсоли Бахтиёр Шуҳратович пайдо кардем. Б. Ш. Фозилов саҳмиядори асосии ширкатҳои «Eriell Group», «Enter Enjinering» ва «Ferkensco», раиси Шўрои васигии Ҷамъияти умумиҷаҳонӣ роҷеъ ба омўзиш, ҳифз ва оммавигардонии мероси мадании Ўзбекистон, президенти Федератсияи хоккейи Ўзбекистон, ба таври одӣ гўем, соҳиби қалби босаховат будааст. Бо ёрии беғаразонаи вай орзуи мо амалӣ шуд. Собиқадорони ҷанги афғон, ба ростӣ мунтазир набуданд, ки ў масъалаи мазкурро амиқ дарк мекунад. Қаср ва парчами рамзӣ босифат тайёр карда шуд. Ҳоло собиқадорони ҷанги афғон дар сари як пиёла чой бо падару модарони шаҳидон, ки ба қаср меоянд, суҳбат намуда, ба онҳо ҳурмат баҷо меоранд. Сокинони гирду атроф ҳамарўза бо фарзандони худ ба ин ҷо омада, дар ҳавои тоза истироҳат мекунанд. Ба ин мавзеъ маҷмааи ёдгории парчами рамзӣ маҳобат мебахшад. Аъзои иттиҳодияи собиқадорони ҷанги афғон бисёр мехостанд бахшида ба хотираи ҷавонмардони ҳарбии маҳаллӣ, ки сохтори конститутсионии Ўзбекистонро ҳимоя кардаанд, музей барпо кунанд. Ҳоло дар ин мавзеъ се ёдгорӣ яке ба шарафи ҳамдиёрони дар Афғонистон фавтидаи мо, дутои дигар ба шарафи ҷанговарони амалиёти махсуси ҳарбӣ, ки ҳангоми ҳимояи сохтори конститутсионии Ўзбекистон вафот карданд, мавҷуд аст. Ҷанговарони собиқадор, барои гирифтани рухсат бобати сохтмони музей хеле азобҳоро аз сар гузаронданд. Ба анҷоми ҷанги афғон 30 сол шуда бошад ҳам, касе ёфт нашуд, ки ба сохтмони музей ҳисса ҳамроҳ кунад. Ниҳоят, Бахтиёр Шуҳратович ба мо дар ҳалли ин муаммо ёрӣ расонд. Вай ба сифати раиси Шўрои васигии Донишгоҳи байналмилалии технологии Самарқанд ба чор нафар донишҷў аз ҳисоби ширкат грант ҷудо кард. Дар байни онҳое, ки соҳиби гранти махсус шуданд, писари собиқадори ҷанги афғон, марҳум, соҳиби ордени «Ситораи тиллоӣ» низ ҳаст, ки ба кас хурсандӣ мебахшад. Маҳз ў барои дар ҳаёт ҷойи худро пайдо кардани вай, дорои маълумоти олӣ шуданаш ҳиссаи калон гузошт. Дар бораи он, ки Бахтиёр Шуҳратович ба ҷанговарони собиқадори дар ҳимояи Ватан иштирок карда, дасти ёрӣ дароз карда, онҳоро дар рўзҳои ид аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ мекунад, тасодуфан хабардор шудам. Дар ҳаққи ин инсон дуои неки иштирокчиёни ҷанги афғонро фаҳмида, қарор додам, ки изҳори дили худро баён кунам. Аз ин фурсат истифода бурда, аз номи онҳо ва худ ба Бахтиёр Шуҳратович миннатдорӣ баён мекунам. Мо танҳо баъд аз се сол фаҳмидем, ки маҷмааи ёдгории воқеъ дар Чирчиқро ў бунёд кардааст.

Он фақат яке аз он иншоотҳоест, ки ин инсон барпо намудааст. Маҷмааи меъмории Имом ал-Бухорӣ, масҷид, терминали Фурудгоҳи байналмилалии Самарқанд, қасри «Humo Arena», маҷмааи «Silk Road Samar-kand» ва ғайра иншооте мебошанд, ки дар бунёди онҳо Бахтиёр Фозилов саҳм дорад. Шояд фикр кунед, ки вай ин корҳоро барои манфиати моддӣ мекунад? Эҳтимол шумо китоби Олег Кривопалов «Гаҳвораи отряди ҷанговарони махсуси Чирчиқ», (Колибел Чирчикского спесназа»)-ро хонда бошед. Аз ҷанговарони собиқадор ғайр аз сипосҳои самимӣ боз чиро метавон интизор шуд. Маъзарат мехоҳам, ман журналист нестам, шояд фикрҳоямро бетартиб баён кардаам, вале онҳо самимӣ ва аз таҳти дил гуфта шудаанд. Ҷанговарони собиқадори Чирчиқ ният доранд, ки Бахтиёр Фозилов ва ҷамоаашро ба меҳмонӣ даъват карда, барои корҳои некашон шахсан миннатдорӣ баён кунанд.

**Наиля ГАЛИУТДИНОВА.**

*Дар шаҳри Нукус оид ба намуди кураши миллии варзиш байни мардону занон чемпионати ҷумҳурӣ шуда гузашт. Дар он аз ҳамаи ноҳия, масканҳои таълими оливу миёнаи Қароқалпоқистон, ҷамъ аз 130 нафар зиёд довталабон иштирок карданд.*

*Ғолибон 23–25 феврали соли ҷорӣ дар чемпионати кишвар, ки дар шаҳри Тошканд баргузор мегардад, шарафи Қароқалпоқистонро ҳимоя мекунанд.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз мусобиқа.*

***Аксбардор:***
***М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***



***Ба қарибӣ бештар аз 200 нафар сарбозони байналмилали вилоят ба муносибати аз хоки Афғонистон бароварда шудани собиқ Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди шўравӣ дар майдони шаҳидони шаҳри Самарқанд воҳўрии хотирнишон гузарониданд.***

# ДИДОРБИНИИ ҶАНГОВАРОНИ БАЙНАЛМИЛАЛ

Онҳо ба пояи муҷассамаи модари мотамдор гулҳои тару тоза гузашта, сипас маҷмааи «Шаҳри абадӣ»-ро тамошо карданд.

Дар тарабхонаи «Садаф» барои онҳо як пиёла чой ташкил гардид.

Раиси иттиҳодияи «Ветеран»-и собиқадорони хидмати ҳарбӣ ва ногиронҳои он Эркин Мавлонӣ, муҳаррири рўзномаи «Зарафшон» Фармон Тошев, раиси хазинаи «Нурониён»-и вилоят Шуҳрат Неъматов, полковники мустаъфӣ Шодмон Азизов ва дигарон ҳозиронро бо ин рўзи саид самимона табрик карда, барои ҷасорату мардонагиашон ташаккур гуфтанд.

Санъаткорон бо сурудҳои дилнишин табъи ҳозиронро болида сохтанд.

Бояд таъкид кард, ки дар ҷанги Афғонистон беш аз 7,5 ҳазор нафар самарқандӣ иштирок карда, 165 нафар шаҳид шудаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# БА ПЕШВОЗИ РЎЗ РОҲ ТОЗА МЕКУНАНД

Бо Малика ном фаррошзан, ки дар маҳаллаи Янги Чоштепаи ноҳияи Янгиҳаёт буду бош дорад, дер боз шиносам. Ҳар саҳар ҳангоми ба кор рафтан бо ў вомехўрам.

– Ба одамҳо ҳайронам, партовашонро ба ҷойҳои махсус ҷудошуда напартофта, ба даруни ҷўю роҳравҳо мепартоянд, ҳама ҷоро пур аз коғазу ахлот мекунанд, ба қадри меҳнати кас намерасанд, – лаб ба шикоят мекушояд ҳамсуҳбатам. Воқеан, шикояти ў ҷон дорад. Нафароне ҳастанд, ки ба покию сариштагии атрофу муҳит риоя намекунанд, гўё ки тозагии ҷойҳои ҷамоатӣ аз онҳо вобаста нест.

– Рўзе ду ҷавон дар хараки сари роҳ нишаста суҳбат мекарданд. Ҳар ду аз коғазхалта писта шикаста, пўчоқи онро ба замин мепартофтанд. Ба хизматам дилам сўхт ва ба онҳо рў оварда гуфтам: «Писаронам, ин ҷоро ҳозир рўфта будам, чаро пўчоқро ба замин мепартоед?»

«Холаҷон, вазифаатон, маош мегиред», бепарвоёна гуфт яке аз онҳо. «Шарм намедоред, охир ман қатори модаратон ҳастам, шумоён бояд ба хурдсолон намуна шавед» гуфта, пўчоқу коғазҳои партофтаи онҳоро рўфта гирифтам. Ё ин ки гирду атрофи биноҳои серошёна аз партовҳо пур мешавад.

Рўзе чашмам ба зани калонсоле афтид, ки аз айвони ошёнаи шашум партови худро ба поён ҳаво дод. Фарёд зада гуфтам, ки инсоф дорӣ ё не, аз синну солат шарм намедорӣ? Магар дасту поят шикастааст? Чунин ҳолатҳо хеле бисёр, – мегўяд Малика.

Янги Чоштепа маҳаллаи нав аст. Биноҳо, кўчаву роҳравҳо, майдони бозии бачаҳо, муассисаи томактабӣ, поликлиникаи оилавӣ, дуконҳои гирду атроф – ҳама бо сохти нави замонавӣ бунёд ёфтаанд. Дар ин рўзҳои сарди зимистон, ки мардум аз набудани газу барқ, оби гарму хунук шикоят мекарданд, сокинони ин маҳалла маротибае ба чунин мушкилиҳо пеш наомадаанд. Аз ин рў, рафтори нописандонаи чунин шахсон ба ғамхории ҳукумат хиёнат нест магар?

Малика аз хурдӣ дар ин кор ба модараш кумак мерасонд. Аз сабаби душвории шароити оила, баъди хатми мактаби миёна таҳсилро идома надод. Падару модараш ўро ба шавҳар доданд. Соҳиби се писару як духтар шуд. Аҳд кард, ки фарзандонашро хононда, соҳиби маълумот кунад. Орзуҳояш ҷомаи амал пўшиданд. Анварҷон шифокор, Азимҷон дукондор, Аъзам ронанда.

– Хурд будам, бо ҷўраҳо ҳангоми ба мактаб рафтану омадан ба модарам дучор мешудам, ки дар даст ҷорўб кўчаро мерўбад ё ин ки дар даруни ҷў ҷунбуҷўл дорад. Аз ин шарм медоштам, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Азимҷон. – Мана, ба воя расидем, соҳиби касбу кор шудем. Модарам ҳоло ба ин кор эҳтиёҷ надорад, аммо ў намехоҳад дар хона нишинад. Ҷўйбори паси ҳавлиро ҳамеша тоза нигоҳ медорад.

– Фаррошӣ касби дўстдоштаи ман аст, ҳама ҷоро тозаву озода бинам, дилам хотирҷамъ мешавад. Об ин ҳаёт аст, онро бояд софу тоза нигоҳ дошт. Замонҳое буданд, ки инсонҳо аз хушксолию ташнагӣ фавтидаанд, ҳоло ҳам кишварҳое ҳастанд, ки аз беобӣ азият мекашанд, – мегўяд Маликаапа.

Субҳи содиқ чун ҳама аз пайи кор ва кашидани аробаи рўзгор ба кўча бароем, нигоҳамон аввало ба фаррошҳо меафтад, ки дар даст ҷорўб роҳу шоҳроҳ, пайроҳаву кўчаҳоро мерўбанд. Ба таъбири шоири бузург Лоиқ Шералӣ «Бар пешвози рўз роҳ тоза мекунанд». Покизагию тозакорӣ ва ҳоҷатбарори мардум будан дар ҳар ду дунё савоб аст. Туфайли кору пешаи хоксоронаи фаррошон гирду атрофи мо тозаю озода, сабзу хуррам, оби ҷўйборҳо софу зулоланд. Мо бояд ба қадри меҳнати онҳо бирасем.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат**

# РУШДИ ҶОМЕА БА ТАЪЛИМИ БОСИФАТ ВОБАСТА АСТ

***Ҳаёти имрўзаро бе илму маърифат ва рушди таълим тасаввур кардан имконнопазир аст. Эътибор ба соҳаи таълим ҷиҳати пурра амалӣ намудани чунин вазифаҳо, аз қабили тарбияи авлоди баркамоли соҳиби маънавият, илму маърифат, донандаи забонҳои хориҷӣ, тақозои замон мегардад. Тавре, ки Президенти кишварамон дар Мурољиатномаи худ ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон таъкид кард, «Дар навбати аввал эътиборро ба бузургтарин сармояи Ўзбекистони Нав – дастгирӣ намудани таълим менигаронем.«Наҷот – дар таълим, наҷот – дар тарбия, наҷот – дар дониш», гуфтаанд бузургони мо. Чунки ба ҳама гуна мақсадҳои нек ба туфайли дониш ва тарбия муваффақ мегардем».***

Маълум аст, ки таълиму тарбияи насли наврас ба омўзгорон вобастагии мустаҳкам дорад ва дар дўши онҳо масъулияти бузург – тарбияи авлоди аз ҳар ҷиҳат солим ва комилро вомегузорад. Имрўзҳо омўзгорони мактаби таълими умумии махсуси рақами 21-уми ноҳияи Самарқанд низ рисолати касбии худро амиқ дарк карда, барои ташаккули истеъдод, дониш ва маҳорати фитрии донишомўзон пайваста мекўшанд.

– Мактаби мо ба омўзиши забони англисӣ ихтисос дошта, ҳоло дар ду баст 1484 нафар хонанда таҳсил мегиранд, – гуфт ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои таълим Ҷамила Хўҷамуродова. – Дар як синф ҷараёни дарсҳо комилан бо забони англисӣ амалӣ гардида, ба 28 нафар донишомўз омўзгорони ботаҷриба – Нилуфар Умарова аз математика, Саноат Раҳматова аз фанни забони модарӣ, Роҳила Раҳимова ва Муқаддас Эргашева аз забони англисӣ бо истифодаи методҳои интерфаъол асрори илм меомўзанд. Фарангиз Муртазоева, Меҳрангез Хуршедова, Кабирҷон Олимов аз хонандагони пешқадам ва аълохони синф мебошанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар мактаби ҳамагонӣ маҳфилҳои фаннӣ ва варзишӣ аз рўйи фанҳои гуногун ва намудҳои волейбол, баскетбол, футбол, шоҳмот ва гимнастикаи варзиш роҳандозӣ гардидааст. Дар маҳфилҳои варзишӣ беш аз 200 нафар хонандагон фаъол иштирок карда, чанде аз онҳо аллакай дар мусобиқаҳои сатҳи ноҳиявӣ ва вилоятӣ ба комёбиҳо ноил гардидаанд. Ғайр аз ин, бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим дар синфҳои болоӣ ва зиёд кардани теъдоди хатмкунандагоне, ки ба муассисаҳои таълими олӣ дохил мешаванд, гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи он аз хонандагони синфи ёздаҳум ҳар моҳ ду маротиба тестҳои санҷишӣ гирифта мешавад ва натиҷаҳо бо иштироки омўзгорони фаъол муҳокима мегардад. Боиси эътироф аст, ки дар мактаб анъанаи «Устоду шогирд» амал карда, муаллимони ботаҷриба ба омўзгорони ҷавон вобаста карда шудаанд. Устодон ба омўзгорони навкор асрори касб, методҳои таълимӣ, роҳҳои босамари кор бо донишомўзонро меомўзанд. Шўрои падару модарони назди мактаб низ кори худро фаъолона пеш мебарад. Аъзои шўро таҳти сарварии Орифҷон Ақоидов ҳар моҳ як маротиба ҷамъ омада, рафти таълим, давомот, одоби хонандагон, муаммоҳои мактаб ва роҳҳои ҳалли онҳоро муҳокима мекунанд.

– Ҳалли аксари мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба таълими босифат вобаста аст, – афзуд Ҷамила Хўҷамуродова. – Аз ин рў, мо – омўзгорон масъулияти бузургеро дар ўҳда дорем, ки насли наврасро дар тамоми марҳилаҳои низоми таълими муттасил ҳамчун кадрҳои баркамол, соҳибихтисос ва дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ рақобатпазир тарбия намоем. Имрўз ҷамоаи муаллимони мо таҳти сарварии директор Ирода Норбоева аз имкониятҳои фароҳамгардида истифода намуда, баҳри баланд бардоштани сифати таълим ҳаракат мекунем.

**Толиб ЮНУСЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 4601 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.45

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд,
кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.